**Замимаи 1**
**ба қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 28 марти соли 2024, № 173**

# Оинномаи Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода"

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Оинномаи Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода" (минбаъд - **Оиннома**) дар асоси Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ" ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар таҳия гардидааст.

2. Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода" (минбаъд - **Донишгоҳ**) фаъолияти худро мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, инчунин фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур амалӣ менамояд.

3 Муассиси Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - **Муассис**) мебошад.

4. Донишгоҳ шахси ҳуқуқӣ буда, дорои тавозуни мустақил, суратҳисоби ягонаи ҷорӣ бо пули миллӣ ва хориҷӣ дар Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳр бо Нишони давлатӣ, сабти номи худ бо забони давлатӣ (ва ҳангоми зарурат бо забонҳои русӣ ва англисӣ), бланк ва штампҳо мебошад ва коргузории худро тибқи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад.

5. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон суратҳисоби худро бо асъори миллӣ ва хориҷӣ дар бонкҳои ҷумҳурӣ кушояд, инчунин тибқи тартиби муқарраргардида маблағҳои озоди махсуси худро дар бонкҳо ҳамчун амонат ҷойгир намояд.

6. Фаъолияти асосии Донишгоҳ аз самтҳои зерин иборат аст:

- амалӣ сохтани барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз рӯйи номгӯйи васеи ихтисосҳо;

- тайёр намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳибкасби соҳаи маориф, кормандони илмӣ ва илмию педагогӣ;

- тайёр намудани довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

- пешбурди таҳқиқот дар соҳаҳои илмҳои амалӣ ва бунёдӣ;

- амалӣ намудани фаъолияти таълимию истеҳсолӣ ва омӯзгорӣ.

7. Номи расмии Донишгоҳ бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ:

- **бо забони давлатӣ**: Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода";

- **бо забони русӣ**: Государственное образовательное учреждение "Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде";

- **бо забони англисӣ**: State educational institution "Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda".

8. Суроғаи ҳуқуқии Донишгоҳ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Телефон: 2325000; Факс: 2325003. Почтаи электронӣ: (www.dbzkht.tj).

## 2. АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ, ХУДМУХТОРИИ ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШГОҲ

9. Донишгоҳ дар қабули қарорҳо ва амалӣ намудани фаъолияти худ, ки аз ин Оинномa ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф бармеояд, худмухтор ва мустақил аст.

10. Дахолати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба фаъолияти таълимӣ, илмию хоҷагӣ ва фаъолияти дигари Донишгоҳ танҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ дода мешавад.

11. Дар Донишгоҳ тибқи тартиби муқарраргардида аз ҷониби Муассис метавонад воҳидҳои сохторӣ (пажуҳишгоҳ, донишкада ва академия, паркҳои технологӣ, марказ, коллеҷ, литсей) таъсис дода шавад.

12. Муассис дар доираи ваколати худ иҷрои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи мазкур, иҷозатнома, фаъолияти таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, равобити байналмилалӣ, фаъолияти тарбиявӣ ва молиявию хоҷагии Донишгоҳро бевосита назорат мекунад.

13. Аккредитатсияи давлатии Донишгоҳ ва аттестатсияи хатмкунандагони он тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

14. Назорати мувофиқати фаъолияти таълимии Донишгоҳ ба меъёрҳои Оинномa, шартҳои иҷозатнома барои анҷом додани фаъолияти таълимӣ ва талаботи дигари қонунгузорӣ дар соҳаи маориф ва илм тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

15. Ба ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳ озодиҳои академӣ дода мешавад, то мавзуи дарс (таълим)-ро бо усули тадриси худ дар доираи барномаҳои таълимӣ баён кунанд, мавзуи таҳқиқоти илмиро интихоб намоянд ва бо тарзу усулҳои худ онро гузаронанд.

16. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад бо розигии Муассис аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузарад.

## 3. ВАЗИФАҲО ВА ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ДОНИШГОҲ

17. Донишгоҳ барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбиро аз рӯйи муҳлат ва зинаҳои гуногуни он мутобиқи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дорои мақоми байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида аз рӯйи самтҳои гуногуни илмию техникӣ, тарбиявӣ ва фарҳангӣ пешниҳод менамояд.

18. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад тавассути воситаҳои электронӣ ва телекоммуникатсионӣ раванди таълим, ташкили корҳои илмию таҳқиқотӣ, робитаҳои байналмилалӣ ва тарбиявиро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ амалӣ намояд.

19. Фаъолияти асосии Донишгоҳро ҳамчун муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ, тайёр намудани мутахассисони гуногункасби дорои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи самтҳои гуногуни барои ҷумҳурӣ ва кишварҳои дигар ҷавобгӯ ташкил медиҳад.

20. Тайёр намудани мутахассисон аз рӯйи самту ихтисосҳои гуногун дар заминаи моддию техникии дар ихтиёри Донишгоҳбуда тибқи иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ амалӣ мегардад.

21. Вазифаҳои асосии Донишгоҳ аз инҳо иборатанд:

- қонеъ гардонидани талаботи шахс дар инкишофи қобилияти зеҳнӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ;

- рушди илм ва иқтидори эҷодӣ тавассути фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва эҷодии кормандони илмию омӯзгорӣ, донишҷӯён, магистрон, аспирантону докторантон, истифодаи дастовардҳо дар ҷараёни таълим ва истеҳсолот;

- омӯзиш, табодул, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон, донишҷӯён, магистрон, аспирантон ва докторантон;

- ҳифз, нигоҳдорӣ ва оммафаҳм гардонидани арзишҳои миллӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва илмӣ;

- таъмини шароити мусоид барои гузаштани таҷрибаомӯзӣ;

- ташкилу гузаронидани корҳои амалию таҷрибавӣ, илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию ихтироъкорӣ;

- паҳн намудани донишу малакаи муосир дар соҳаҳои мухталифи илм;

- таҳия ва нашри асарҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълим, дастурҳои методӣ, силлабус ва барномаҳои таълимӣ;

- тарҷумаи асарҳои ниёгон ва безаволи бузургони халқи тоҷик ба забонҳои тадрисшавандаи Донишгоҳ;

- тайёр кардани кадрҳои илмию омӯзгорӣ.

22. Дар Донишгоҳ факултетҳо воҳидҳои сохторие мебошанд, ки шахси ҳуқуқӣ ҳисоб намешаванд.

23. Ба ҳуқуқу уҳдадориҳои асосии Донишгоҳ дохил мешаванд:

- муроҷиат намудан ба ташкилотҳои дохилӣ ва байналмилалӣ бо мақсади аккредитатсияи худ;

- тибқи тартиби муқараргардида бо мукофотҳо қадрдонӣ намудани омӯзгорону кормандоне, ки дар давоми сол ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд;

- муқаррар намудани ҳаққи қалам ба ҳайати профессорону омӯзгорон барои таҳияи монография, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълим ва маводди дигари таълимию методӣ;

- татбиқ намудани ҳавасмандкунии моддӣ дар асоси қарори Шурои олимон ва талаботи Низомномаи ҳавасмандгардонии моддӣ, инчунин муқаррар намудани имтиёзҳои дохилӣ барои ҳимояи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ;

- муқаррар ва тасдиқ кардани ҷадвали басти вазифаҳои кормандони Донишгоҳ ва шахсони дигари ба фаъолият ҷалбшуда дар доираи фонди музди меҳнат;

- муқаррар намудани имтиёзҳои дохилӣ тибқи низомномаи намунавӣ барои ишғоли вазифаҳои дотсент, профессор ва кормандони илмию педагогӣ, инчунин дигар кормандони Донишгоҳ;

- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил шудан ва баромадан аз муассисаҳои илмию таълимӣ, ширкатҳо, корхонаҳо, иттиҳодияҳо, ташкилотҳо ё муассисаҳои байналмилалӣ, ки манфиатҳои умумиро ифода мекунанд (тайёр кардани мутахассисон, табодули омӯзгорону донишҷӯён, таҳқиқоти илмӣ, такмили ихтисос, таҷрибаомӯзӣ ва шаклҳои дигари фаъолият);

- мустақилона идора кардани молу мулке, ки дар натиҷаи фаъолияти таълимӣ, илмӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ ба даст меорад;

- доро будан ба воҳидҳои иҷтимоӣ, табобатию варзишӣ, осоишгоҳҳо, муассисаҳои фароғатию фарҳангӣ ва хоҷагии ёрирасон;

- пурра ё қисман додани ваколатҳои шахси ҳуқуқӣ ба воҳидҳои сохтории Донишгоҳ, ки мақоми шахси ҳуқуқиро надоранд, аз ҷумла бо доштани тавозун ва суратҳисоб. Суратҳисоб тавассути Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасонӣ карда мешавад;

- пардохт намудани хариди давлатӣ ҳангоми баргузории тендерҳо аз суратҳисоби иловагии дар бонкҳои тиҷоратӣ ҷойдоштаи худ дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда;

- тибқи тартиби муқаррааргардида бо мақсади ҷалби омӯзгорони хориҷӣ ба корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ пардохт намудани музди меҳнати мутахассисони хориҷӣ дар асоси шартномаи тарафайн;

- истифода намудани маблағҳои махсуси дар ихтиёрдоштаи худ барои таҳия ва амалисозии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва грантҳои хурд дар асоси қарори шурои олимон;

- татбиқ намудани ҳавасмандкуниҳои гуногун дар асоси қарори шурои олимон барои ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;

- бастани шартномаҳо бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба тайёр намудан ва бозомӯзии мутахассисон ва кормандони илмию педагогӣ, бо дар назар доштани пардохти харҷҳои онҳо ба таҳсил;

- бо тартиби муқарраршуда таъсис додани шуроҳои диссертатсионӣ оид ба ҳимояи рисолаҳои номзади илм, доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, доктор илм ва доктори ҳабилитат;

- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад кардан ба сифати иштирокдор дар ниҳодҳои хоҷагидорӣ, муассисаҳои илмӣ ва ғайра;

- иштирок намудан дар лоиҳаҳои байналмилалии таълимӣ, илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ ва ғайра;

- тибқи тартиби муқарраршуда мустақилона ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷониба бо ташкилотҳои молиявии маблағгузор;

- амалӣ намудани раванди таълим, тарбия, илм, молия, хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигар мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи худ;

- дар асоси шартнома бо вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, донишгоҳҳои ватанӣ ва хориҷӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва ташкилотҳо ба роҳ мондани фаъолиятҳои бисёрсоҳа, ба монанди: тайёр намудани мутахассисон, таълими донишҷӯён, аспирантон, коромӯзон, докторантон аз рӯйи ихтисос, табодули мутахассисон, пешбурди фаъолияти илмӣ, фарҳангӣ, ташкили конференсияҳо, семинарҳо ва хизматрасонии музднок;

- муайян намудани самт ва тартиби истифодаи маблағҳои аз ҳисоби буҷет ва манбаъҳои дигар, ҳамчунин ҳиссаи онҳо, ки барои музди меҳнат ва ҳавасмандии моддии кормандони худ равона шудаанд;

- бо тартиби муқарраршуда муайян намудани шакл ва андозаи музди меҳнати тафриқавии кормандон;

- амалӣ гардондани барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчунин барномаҳои таълимии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро аз рӯйи як ё якчанд самти ҷудогона дар якҷоягӣ бо муассисаҳои таҳсилоти хориҷи кишвар;

- тайёр кардани мутахассис, такмили ихтисоси кормандон ва бозомӯзии онҳоро дар ҷодаи муайяни фаъолияти касбӣ.

24. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои дигари Донишгоҳ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

## 4. ИДОРАКУНИИ ДОНИШГОҲ

25. Донишгоҳ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи мазкур, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, шартномаи коллективӣ, низомномаҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар идора карда мешавад.

26. Донишгоҳ бо татбиқи усулҳои яккасардорӣ ва дастаҷамъӣ низоми мақоми идоракунанда таъсис медиҳад.

27. Низоми мақомоти марказии идоракунандаи Донишгоҳ чунин мебошад:

- ректор;

- шурои олимон;

- раёсати Донишгоҳ.

28. Ректори Донишгоҳ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.

29. Ректор барои идоракунии дастаҷамъонаи Донишгоҳ раёсат ва шурои олимонро таъсис медиҳад.

30. Шакли асосии фаъолияти раёсати Донишгоҳ гузаронидани ҷаласаҳо мебошад. Ҷаласаҳои раёсат аз ҷониби ректори Донишгоҳ даъват карда мешаванд.

31. Ваколатҳои ректори Донишгоҳ аз инҳо иборатанд:

- иҷрои дахлдори супоришҳои Муассис, ихтиёрдорӣ ва истифодабарии мақсадноки молу мулки давлатӣ мутобиқ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- такмил додани идоракунии Донишгоҳ ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафҳои гузошташуда;

- пешниҳоди таклифҳо ба шурои олимони Донишгоҳ дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оиннома, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ, инчунин дар таҳрири нав қабул кардани онҳо;

- аз номи Донишгоҳ бе ваколатнома амал кардан, муаррифии манфиатҳои он дар муносибат бо мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- истифодабарии маблағҳои пулии Донишгоҳ тибқи қонунгузорӣ;

- ба кор қабул ва аз кор озод намудани кормандони Донишгоҳ;

- дар доираи ваколати худ қабули фармоиш ва дастурҳое, ки иҷрои онҳо барои кормандони Донишгоҳ ҳатмӣ мебошад;

- тасдиқи Оиннома ва низомномаҳои воҳидҳои сохторӣ;

- дар мувофиқа бо Муассис ба мансаб таъин ва аз мансаб озод намудани муовинони ректор ва деканони факултетҳо;

- тибқи шартномаи меҳнатӣ ба мансаб таъин ва аз мансаб озод кардани роҳбарони воҳиди сохтории Донишгоҳ;

- роҳбарӣ ба фаъолияти раёсат ва шурои олимони Донишгоҳ;

- манзур намудани пешниҳод ба комиссияҳои олии аттестатсионии миллӣ ва хориҷӣ дар бораи таъсис ва барҳамдиҳии шуроҳои диссертатсионии назди Донишгоҳ;

- қабул, аз курс ба курс гузаронидан, интиқол, хориҷ, барқарор, ба комиссияи аттестатсионии давлатии хатм иҷозат додани донишҷӯён, магистрон, аспирантҳо, унвонҷӯён ва докторантҳо;

- ҳамасола ба Муассис пешниҳод намудани хисоботи солона оид ба фаъолияти Донишгоҳ;

- манзур намудани пешниҳод ва дархост оид ба масъалаҳои муҳимми фаъолияти Донишгоҳ ба Муассис;

- амалисозии ваколатҳои дигар мутобиқи қонунгузорӣ ва Оиннома мазкур.

32. Шурои олимони Донишгоҳ дар ҳайати ректор (раис), муовинони ректор, деканҳои факултетҳо, роҳбарони воҳидҳои сохторӣ, олимони варзида ва кормандони дигари илмию омӯзгорӣ ташкил карда мешавад. Раиси шурои олимони Донишгоҳ ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои зарурӣ вобаста ба зарурати истеҳсолӣ ҳайат ва шумораи аъзои шурои олимонро тағйир диҳад.

33. Ташкили бевоситаи фаъолияти шурои олимони Донишгоҳ ба зиммаи котиби илмии он гузошта мешавад. Раиси шурои олимони Донишгоҳ номзадии котиби илмии шурои олимонро аз ҷумлаи аъзои шурои олимон барои интихоб шудан ба ин мансаб пешниҳод менамояд.

34. Тартиби кори шурои олимон мутобиқи низомномаи шурои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва низомномаи шурои олимони Донишгоҳ амалӣ карда мешавад.

35. Шакли асосии фаъолияти шурои олимон ҷаласаи он дониста мешавад. Ҷаласаҳои шурои олимон ҳамон вақт баргузор мегардад, ки агар аз се ду ҳиссаи аъзои шурои олимон дар ҷаласа ҳузур дошта бошанд.

36. Қарори шурои олимони Донишгоҳ ҳамон вақт эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунад, ки агар аз нисф зиёди аъзои шурои олимони дар ҷаласа ҳузурдошта (аз 50% зиёд) оид ба қабули он овоз диҳанд.

37. Ваколатҳои шурои олимон:

- нақшаи кори шурои олимонро баррасӣ, муҳокима ва тасдиқ менамояд;

- нақшаи кори раёсати Донишгоҳро баррасӣ, муҳокима ва тасдиқ менамояд;

- дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи Донишгоҳ таклифҳо пешниҳод менамояд;

- масъалаҳои асосиро доир ба амалӣ намудани ташкили фаъолияти таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ, робитаҳои байналмилалӣ, тарбиявӣ, молиявию хоҷагӣ ва ғайра дар самти таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ муайян менамояд;

- масъалаҳои такмили идоракунии Донишгоҳ, аз ҷумла, ташкил ё барҳамдиҳии воҳиди сохториро баррасӣ менамояд;

- масъалаҳои асосии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Донишгоҳро баррасӣ мекунад;

- масъалаҳои таъсиси ихтисосҳоро дар зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти олии баъд аз муассисаи олии таълимӣ баррасӣ менамояд;

- имтиёзҳои воҳиди кориро барои ишғол намудани мансаби дотсент, профессор ва кормандони дигари илмию таълимӣ муқаррар ва татбиқ мекунад;

- стратегияи рушди Донишгоҳ, нақшаҳои дурнамо ва мавзуи пажуҳишҳои илмиро баррасӣ карда, тасдиқ менамояд;

- санадҳои дигари танзимкунандаи фаъолияти Донишгоҳро баррасӣ ва тасдиқ менамояд;

- бо пешниҳоди ректор масъалаи пеш аз муҳлат аз мансаб бозхонд намудани мудири кафедраро баррасӣ менамояд;

- аъзои комиссияи назоратию тафтишотиро интихоб, низомнома ва ҳисоботи онро баррасӣ ва тасдиқ мекунад;

- интихоби довталабонро ба тариқи озмун барои ишғоли мансаби ҷойҳои холии ҳайати профессорону омӯзгорон амалӣ мекунад;

- масъалаҳои дарёфти унвони илмӣ (дотсент ва профессор)-ро барои манзур намудан ба комиссияҳои олии аттестатсионии миллӣ ва хориҷӣ баррасӣ ва тасдиқ мекунад;

- мавзуъ ва роҳбари илмии докторантҳоро баррасӣ ва тасдиқ менамояд;

- номгӯйи рисолаҳо ва корҳо (лоиҳаҳо)-и хатм, дипломӣ ва магистриро баррасӣ ва тасдиқ мекунад;

- номгӯй ва гирандагони стипендияҳои номиро баррасӣ ва тасдиқ менамояд;

- барномаҳои таҳсилотӣ ва нақшаҳои таълимиро баррасӣ, муҳокима ва тасдиқ мекунад;

- масъалаи муқаррар намудани иловапулиҳо (барои дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм, доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, доктори илм ва доктори ҳабилитат) ва ҷубронпулиҳоро баррасӣ ва тасдиқ менамояд;

- номзадии кормандонро барои дарёфти мукофотҳои давлатӣ, соҳавӣ ва ҷоизаҳои гуногун тавсия медиҳад;

- масъалаҳои тайёр намудан, такмили ихтисос, табодул ва ҳавасмандкунии кадрҳоро баррасӣ намуда, барои дохил шудан ба аспирантура, докторантура, постдокторантура ва гузаронидани кормандон ба вазифаи ходими илмӣ ва ходими калони илмӣ ва анҷоми рисолаҳои докторӣ тавсияҳо медиҳад;

- ҳайат ва хулосаи комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ ва шуроҳои доимию муваққатан амалкунандаро баррасӣ, муҳокима ва тасдиқ мекунад;

- ҳисоботи роҳбарони воҳиди сохториро баррасӣ, муҳокима ва тасдиқ менамояд;

- масъалаҳои муҳимми фаъолияти Донишгоҳро, ки аз ҷониби ректор пешниҳод мегардад, баррасӣ ва муҳокима мекунад;

- масъалаҳои дигарро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамояд.

38. Раёсати Донишгоҳ дар ҳайати ректор (раис), муовинони ректор, деканҳои факултетҳо, роҳбарони воҳиди сохторӣ ва олимону мутахассисони даъватӣ аз рӯйи зарурат ташкил карда мешавад. Роҳбарии бевоситаи фаъолияти раёсат ба уҳдаи ректор вогузор карда мешавад. Шумораи аъзои раёсатро ректор муайян менамояд.

39. Раёсат тибқи нақшаи тасдиқшуда, масъалаҳои идоракунии амалиётӣ, таълим, ҷараёни корҳои илмӣ ва масъалаҳои дигари ҳалталаброро, ки ба ваколати он тааллуқ дорад, баррасӣ менамояд. Ҷаласаи раёсат аз рӯйи нақшаи тасдиқшуда дар як моҳ на камтар аз як маротиба даъват карда мешавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ ректор ҳуқуқ дорад ҷаласаи ғайринавбатии раёсатро даъват намояд.

40. Ҷаласаҳои раёсатро ректор раисӣ менамояд. Дар ҳолати набудани ректор ҷаласаро яке аз муовинони ӯ раисӣ мекунад.

41. Қарорҳои раёсати Донишгоҳ барои иҷро аз ҷониби ҳамаи сохторҳои он ҳатмӣ мебошад. Назорати иҷрои қарорҳои раёсатро, ки тавассути дастури ректори Донишгоҳ ба расмият дароварда шудааст, шахси аз ҷониби ректор ваколатдоршуда амалӣ менамояд.

42. Факултет воҳиди сохтории Донишгоҳ буда, фаъолияти онро декан роҳбарӣ менамояд.

43. Декани факултет дорои чунин ваколатҳо аст:

- корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ, робитаҳои байналмилалӣ, тарбиявӣ ва корҳои дигарро дар сатҳи факултет роҳбарӣ мекунад;

- иҷрои нақша ва барномаҳо, ҷадвали ҷараёни таълимро таъмин ва назорат менамояд;

- чорабиниҳо оид ба ташкили ҷараёни таълим, баланд бардоштани сифати таҳсилотро баррасӣ ва амалӣ менамояд;

- дар бораи раванди дарсомӯзии донишҷӯён ва паҳлуҳои дигари фаъолияти факултет ба раёсат пешниҳод манзур менамояд;

- аттестатсияи кормандони илмиро дар факултет ташкил мекунад;

- масъалаҳои беҳдошти шароити зисту маишӣ, моддӣ ва саломатии донишҷӯёнро баррасӣ менамояд;

- назорати риояи меъёрҳои қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳро дар факултет таъмин месозад;

- мувофиқи Оинномаи мазкур ва низомнома дар бораи факултет масъалаҳои дигаре, ки дар ваколати ӯ мебошанд, ҳал менамояд.

44. Дар факултет таҳти роҳбарии декан шурои олимон ташкил карда мешавад. Тартиби ташкил ва ваколати шурои олимони факултет мувофиқи низомномаи шурои олимони факултети Донишгоҳ муайян карда мешавад.

45. Кафедра воҳиди муҳимми сохтории Донишгоҳ буда, фаъолияти он тибқи Низомнома дар бораи кафедра ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд.

## 5. ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ДОНИШГОҲ

46. Фаъолияти таълимию методӣ дар Донишгоҳ вобаста ба муҳлат ва зинаҳои таҳсил дар асоси стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дорои мақоми байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

47. Самту усулҳои муосири таълим ва татбиқи онҳо дар асоси стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ барои муассисаҳои таълимии мақомашон байналмилалӣ, иҷозатнома ва шаҳодатнома дар бораи аккредитатсияи давлатӣ, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм дода мешавад, амалӣ мегарданд.

48. Донишгоҳ бо мақсади таъмини самараноки таълим низоми музди кори арзанда, заминаҳои муосири моддию техникӣ, иттилоотию иртиботӣ, иттилоотониро татбиқ намуда, инфрасохтори дигари пешбурди корҳои таълимию методӣ, таҷрибаомӯзӣ ва монанди инҳоро истифода мекунад.

49. Донишгоҳ муҳлат, тартиб ва сифати раванди таҷрибаомӯзиро назорат менамояд.

50. Донишгоҳ кори методиро ташкил ва роҳбарӣ намуда, дар асоси низомномаи шурои илмию методӣ фаъолияташро пеш мебарад.

51. Донишгоҳ нақша ва ҷадвали раванди таълимро, аз ҷумла барои таълимоти инфиродӣ бо дар назар доштани сатҳи тайёрии пешакӣ, қобилиятнокӣ ва дархости фармоишгар таҳия ва тасдиқ менамояд.

52. Донишгоҳ бо роҳи ташкили мақсадноки ҷараёни таълим, интихоби тарзу усулҳои таълим барои донишҷӯён шароитҳои заруриро таъмин менамояд.

53. Донишгоҳ омодасозии касбиро дар зинаҳои бакалавр, магистратура, доктор аз рӯйи ихтисос (PhD), унвонҷӯ (шаклҳои рӯзона, ғоибона, фосилавӣ ва таҳсилоти дуюм) ва доктори ҳабилитат тибқи тартиби муқарраргардида ба роҳ мемонад.

54. Раванди таълиму тарбия дар Донишгоҳ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ сурат мегирад.

55. Донишгоҳ ба хатмкунандагоне, ки аз аттестатсияи давлатии хатм бо муваффақият гузаштаанд, ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (диплом) ва нишони сарисинагӣ медиҳад.

## 6. ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИЮ ТАҲҚИҚОТӢ ВА ИННОВАТСИОНИИ ДОНИШГОҲ

56. Донишгоҳ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ дар самтҳои афзалиятноки рушди илм, инноватсия, техника ва технология чораҳои амалӣ меандешад.

57. Дар Донишгоҳ инфрасохтори илмию таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ, ба монанди раёсат, шуъба, бахш, озмоишгоҳ, парки технологӣ, кафедра, китобхона ва шуроҳои диссертатсионӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо, нашриёт ва ниҳодҳои дигари мусоидаткунанда ба фаъолияти илмӣ, таҳқиқотӣ ва машваратӣ мавҷуд буда, дар пешбурди корҳои илмию таҳқиқотӣ ва тиҷоратикунонии объектҳои алоҳидаи моликияти зеҳнӣ замина мегузоранд.

58. Принсипи асосии фаъолияти илмию таҳқиқотии Донишгоҳ ин ҳамоҳангсозии он бо ҷараёни таълим, инчунин илмҳои соҳавӣ ва академӣ мебошад.

59. Дар Донишгоҳ ба самти тайёр намудани кормандони илмӣ ва омӯзгорӣ, иттилоотонии субъектони муносибати маданӣ оид ба дастовардҳои илмӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои истисноӣ ба объектҳои алоҳидаи моликияти зеҳнӣ диққати махсус дода мешавад.

60. Донишгоҳ корҳои илмию таҳқиқотии худро аз рӯйи нақшаҳо анҷом медиҳад, ки аз тарафи шурои олимон тасдиқ карда мешаванд. Донишгоҳ бо захираҳои илмӣ худро таъмин намуда, онро оқилона ва самарабахш истифода менамояд, сифати корҳои иҷрошудаистодаро ва бехатарии шароити меҳнатро таъмин менамояд.

61. Донишгоҳ фаъолияти таҳририю интишорӣ, аз ҷумла нашри рӯзнома, маҷалла, маводди таълимӣ, илмӣ ва методиро амалӣ менамояд. Фаъолияти таҳририю интишорӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

## 7. ФАЪОЛИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ДОНИШГОҲ

62. Донишгоҳ робитаҳои байналмилалии худро дар доираи сиёсати байналмилалии давлат, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси шартнома ба роҳ мемонад.

63. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад, ки робитаҳои байналмилалиро дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, баъд аз таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии иловагӣ, фаъолияти илмӣ ва фаъолияти дигар дар шаклҳои зайл амалӣ гардонад:

- даъват намудани омӯзгорон ва мутахассисони варзидаи хориҷӣ барои фаъолияти педагогӣ ва илмӣ;

- сафарбар намудани омӯзгорон, донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, докторантон ва унвонҷӯёни Донишгоҳ барои табодули академӣ, таҷрибаивазкунӣ, гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, таҷрибаомӯзӣ, такмили ихтисос, инчунин ба аспирантура ва докторантура ба муассисаҳои илмӣ ва таҳсилотии олии касбии давлатҳои хориҷӣ;

- иштирок дар барномаҳои дутарафа ва бисёртарафаи табодули донишҷӯён ва кормандони Донишгоҳ бо давлатҳои дигар дар асоси шартнома;

- амалӣ намудани лоиҳаҳои таҳқиқотии муштарак;

- таҳсили шаҳрвандони хориҷӣ дар Донишгоҳ;

- амалӣ намудани хизматрасониҳои таълимӣ, таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ ва машваратӣ ба ташкилотҳо ва шаҳрвандони хориҷӣ;

- гузаронидани ҳамоишҳо, конференсияҳо, семинарҳо, машваратҳо ва намоишҳои байналмилалӣ;

- таҳкими заминаи муосири таълимию методӣ ва илмии Донишгоҳ дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ;

- ҳамроҳ шудан ба иттиҳодияҳо, ассотсиатсияҳо ва созмонҳои дигари касбии байналмилалӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ;

- таъсиси шуроҳои диссертатсионии муштарак бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии хориҷи кишвар;

- ҳамкорӣ дар шаклҳои дигаре, ки қонунгузорӣ манъ накардааст.

64. Тайёр намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти омӯзгорӣ ва илмию таҳқиқотии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз марзи кишвар дар асоси шартномаҳое, ки Донишгоҳ бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ бастааст, ба роҳ монда мешавад.

65. Ҳамкории байналмилалии Донишгоҳ дар доираи фаъолияти сиёсати хориҷии давлат ба ҳамшарикии ҳақиқӣ, эътимоду боварии тарафайн ва ба шартномаю созишномаҳои байнидавлатӣ асос меёбад.

## 8.ФАЪОЛИЯТИ ТАРБИЯВИИ ДОНИШГОҲ

66. Донишгоҳ бо мақсади тарбияи шахсиятҳои сатҳи баланди ахлоқӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстиву ватанпарварӣ, ҳуввият ва худогоҳии миллидошта, заҳматписандиву зебопарастӣ, сарфаю сариштакор, ботаҳаммулу тоқатпазир, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор фаъолияти тарбиявиро ба роҳ мемонад.

67. Фаъолияти тарбиявии Донишгоҳ дар асоси Оинномаи мазкур, низомномаи раёсати корҳои тарбия ва нақшаҳои тасдиқшудаи фаъолияти он ба роҳ монда мешавад.

68. Донишгоҳ барои ташвиқоту тарғиботи иҷтимоӣ, ҷалби бештари донишҷӯён ба корҳои муфиди ҷамъиятӣ ва аҳаммияти калони иҷтимоию сиёсидоштаи давлатӣ чораҳои амалӣ меандешад.

69. Асоси методологии тарбия дар Донишгоҳ тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки моҳияти он дар таҳкими истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваҳдату

худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстию ватанпарастӣ, арҷгузорӣ ба таърихи ниёгон, фарҳанги миллӣ ва дар таъмини амалишавии ҳадафҳои стратегии миллӣ ифода мегардад.

## 9. ҚАБУЛИ ДОНИШҶӮЁН, МАГИСТРАНТОН, КОРОМӮЗОН, АСПИРАНТОН, УНВОНҶӮЁН ДОКТОРАНТОН ВА КОРМАНДОН БА ДОНИШГОҲ ВА ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ОНҲО

70. Қабули донишҷӯён, магистрантон, коромӯзон, аспирантон, унвонҷӯён, докторантон ва кормандон ба Донишгоҳ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

71. Дар Донишгоҳ донишҷӯён, магистрон, коромӯзон, аспирантон, унвонҷӯён, докторантон ва кормандон дорои ҳуқуқу уҳдадориҳо мебошанд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

72. Дар Донишгоҳ барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии донишҷӯён, магистрантон, коромӯзон, аспирантон, унвонҷӯён, докторантон ва кормандон кумитаҳои иттифоқи касаба фаъолият менамояд.

## 10. МОЛУ МУЛК ВА ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИДОРИИ ДОНИШГОҲ

73. Донишгоҳ дорои ҳуқуқи идоракунии оперативӣ ба молу мулки дар истифодааш буда (биною иншоот, маҷмааҳои таълимӣ, таҷҳизот ва ашёи дигари зарурии таълимӣ, техникӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва ғайра) тибқи қонунгузорӣ, ҳадафҳои фаъолияти хеш, супоришҳои Муассис ва таъиноти молу мулк мебошад.

74. Донишгоҳ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи соҳибӣ ва истифодаи пурраи маблағу молу мулкеро, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барояш ҳадия намудаанд, ба тариқи хайрия додаанд ё худ мерос мондаанд, дорад.

75. Маҳсули алоҳидаи фаъолияти зеҳнӣ, ки зимни иҷрои вазифа ё супориши хизматӣ эҷод шудаанд (асарҳои хизматӣ), объекти ҳуқуқи истисноии Донишгоҳ мебошанд. Ҳеҷ як шахси дигар бидуни иҷозати дахлдори Донишгоҳ, ғайр аз ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, наметавонад аз асарҳои хизматӣ ройгон истифода намояд.

76. Сарчашмаҳои ташаккули молу мулки Донишгоҳ ва маблағгузории фаъолият аз инҳо иборат аст:

- моликияти давлатие, ки ба Донишгоҳ дода шудааст;
- маблағҳои буҷетии дахлдор, ки барои Донишгоҳ ҷудо гардидааст;
- даромад аз ҳиссаи Донишгоҳ дар воҳиди сохторие, ки шахси ҳуқуқӣ мебошанд;
- даромадҳое, ки аз амалӣ намудани шаклҳои гуногуни хизматрасониҳои муздноки Донишгоҳ ба даст меоянд;
- ҳадия, хайрияҳои ихтиёрӣ ва мероси шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- даромад аз истифодаи объектҳои алоҳидаи моликияти зеҳнии Донишгоҳ;
- даромади дигаре, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур манъ нашудааст.

77. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад, дар доираи нақшаи қабули донишҷӯён, аспирантону докторантон, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, донишҷӯёну коромӯзон, аспирантону унвонҷӯён, муҳаққиқону докторантонро ба тариқи шартномавӣ бо пардохти ҳаққи таҳсил ба тариқи инфиродӣ ва аз ҳисоби маблағҳои шахсони дигар қабул намояд.

78. Донишгоҳ дар пешбурди корҳои шартномавӣ, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд, мустақил мебошад. Маҷбур намудани Донишгоҳ барои бастан, тағйир додан ва қатъ намудани шартномаҳо, ба ғайр аз ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ манъ аст.

79. Амалиёти молиявӣ тибқи супориши Донишгоҳ ва баҳисобгирии он аз ҷониби мақоми хазинадорӣ ба воситаи суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ ва суратҳисоби асъории хазинадорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

80. Донишгоҳ танҳо дар мувофиқа бо Муассис ва мақомоти хазинадории давлатӣ метавонад дар ташкилотҳои дигари қарзӣ (кредитӣ) суратҳисобҳои пулӣ кушояд.

81. Донишгоҳ ҳамчун аъзои ассотсиатсияҳои низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ мақоми ҳуқуқии худро нигоҳ медорад ва танҳо аз рӯйи уҳдадориҳои ассотсиатсия дар ҳаҷм ва бо тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсия муқарраршуда ҷавобгарии иловагӣ дорад.

82. Донишгоҳ ҳисоботдиҳии оперативӣ ва молиявӣ аз натиҷаҳои фаъолияти кори худро мутобиқи қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад, бо шакли муқарраршуда баҳисобгирии муҳосибӣ, оморӣ ва бойгониро пеш бурда, аз рӯйи онҳо ба Муассис ҳисобот пешниҳод менамояд.

83. Донишгоҳ ба Муассис тобеъ ва ҳисоботдиҳанда буда, ба мақомоти дигари давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи дахлдор пешниҳод менамояд.

84. Давраи ҳисоботӣ барои Донишгоҳ соли тақвимӣ аз 1 январ то 31 декабр ба ҳисоб меравад.

## 11. ТАРТИБИ ҚАТЪ ШУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШГОҲ

85. Қатъ шудани фаъолияти Донишгоҳ тариқи барҳам додан ва ё азнавташкилдиҳӣ (муттаҳид, ҳамроҳ, тақсим, ҷудо шудан, табдил ёфтан)-и он амалӣ карда мешавад.

**Замимаи 2**
**ба қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 28 марти соли 2024, № 173**

# Сохтори Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода"

1. Роҳбарият
2. Шурои олимон
3. Раёсати таълим
4. Раёсати илм ва инноватсия
5. Раёсати корҳои тарбиявӣ
6. Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ
7. Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
8. Раёсати хоҷагидорӣ ва маъмурӣ
9. Шуъбаи муҳосибот ва банақшагирӣ
10. Шуъбаи мониторинги сифати таҳсилот
11. Шуъбаи бақайдгирӣ ва машварати академӣ
12. Шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ
13. Шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педогогӣ
14. Шуъбаи таҳлил ва иттилоот
15. Шуъбаи кор бо ҷавонон
16. Шуъбаи кор бо занон ва духтарон
17. Шуъбаи таҳияи лоиҳаҳо ва кор бо грантҳои хориҷӣ
18. Шуъбаи тайёрӣ
19. Шуъбаи умумӣ
20. Пажуҳишгоҳи забоншиносӣ ва тарҷума
21. Маркази захираҳои омӯзгорони забони англисӣ
22. Маркази омӯзиши корномаи Пешвои миллат
23. Факултети филология ва рӯзноманигорӣ
24. Факултети забон ва адабиёти рус
25. Факултети равияи омӯзгории забонҳои Шарқ
26. Факултети равияи омӯзгории забони англисӣ
27. Факултети тарҷумонии забони англисӣ

28. Факултети тарҷумонии забонҳои Шарқ
29. Факултети забонҳои Аврупо
30. Факултети муносибатҳои байналмилалӣ
31. Гимназия